# ХУЛОСАИ

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-081-и назди Муассисаи давлатии таълимии “Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ)

**Парвандаи аттестатсионии № 2**

**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 25.10.2025, №7**

Барои сазовор донистани Нодирзода Сайзароб Сайали, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ)

Диссертатсияи Нодирзода Сайзароб Сайали дар мавзуи «Таҳаввул ва рушди равандҳои библиографияи тоҷик дар замони шуравӣ (солҳои 1960-1990): дастовардҳо ва мушкилот», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ) бо қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-081-и назди Муассисаи давлатии таълимии “Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода”, (734032, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад 73-а), фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2024, №406/шд таъсис ёфтааст, аз 12 июли соли 2025, №6 ба ҳимоя иҷозат дода шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Нодирзода Сайзароб Сайали 16.05.1991 дар ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон таваллуд шудааст. Соли 2015 факултети китобдорӣ ва иттилоотшиносии МДТ “Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода” аз рӯйи ихтисоси китобхонашиносӣ ва китобшиносӣ хатм намудааст (диплом ДОТ №0009838).

Соли 2017 зинаи магистратураро аз рӯи ихтисоси китобхонашиносӣ ва китобшиносӣ ва соли 2020 докторантураи PhD-ро дар МДТ “Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода” бо муваффақият хатм намудааст.

Нодирзода Сайзароб Сайали солҳои 2011-2012 дар вазифаи китобдори Китобхонаи илмии МДТ “ДДФСТ ба номи Мирзо Турсунзода” фаъолияти кориашро оғоз намуда, солҳои 2016-2018 мутахассиси пешбари Шуъбаи нигоҳдории депозитарӣ ва соли 2018 то моҳи августи соли 2019 ба ҳайси мутахассиси пешбари Медиатекаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Муассисаи давлатии “Китобхонаи

миллӣ”-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷрои вазифа намудааст. Сипас аз моҳи августи соли 2019 то моҳи августи соли 2020 дар вазифаи директори Китобхонаи илмии МДТ “ДДФСТ ба номи Мирзо Турсунзода” кор кардааст. Аз 3-юми августи соли 2020 то инҷониб ба ҳайси директори Муассисаи давлатии “Агентии миллии Созмони байналмилалии рақамгузории стандарти китоб – Хонаи китоби Тоҷикистон”-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият дорад.

Имтиҳонҳои хатмкунии дараҷаи доктори Phd-ро бо баҳои 5 (аъло) дар Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода супоридааст.

Маълумотномаи академӣ дар бораи супоридани имтиҳонҳои зинаи таҳсилоти доктор Phd таҳти №24 аз 03.06.2025 аз ҷониби МДТ “Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода” дода шудааст.

Мавзуи кори диссертатсионии Нодирзода Сайзароб Сайали дар ҷаласаи Шурои олимони донишкада аз 15 октябри соли 2018 таҳти №2 тасдиқ шудааст.

Роҳбари илмӣ: Шосаидзода Сафар Ҳасан – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи китобхонашиносӣ ва библиографишиносии Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода.

Диссертатсияи Нодирзода Сайзароб Сайали дар кафедраи китобхонашиносӣ ва библиографишиносии Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода иҷро шуда, санаи 12 майи соли 2025 дар ҷаласаи васеи муштараки кафедраи китобхонашиносӣ ва библиографишиносӣ ва кафедраи бойгоншиносӣ, суратҷаласаи №9 муҳокима ва барои ҳимоя ба шурои диссертатсионӣ пешниҳод шудааст.

Аз рӯйи мавзуи диссертатсия 5 номгӯй мақолаҳои илмии довталаби дараҷаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, ба табъ расидаанд.

Шурои диссертатсионӣ дар асоси хулосаи комиссияи экспертӣ аз 12. 07.2025 (суратҷаласаи №5) диссертатсияро ба ҳимоя иҷозат додааст.

Эълон оид ба рӯзи ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат тибқи муқаррарот дар сомонаҳои МДТ “Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода” ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 14 августи соли 2025 ҷой дода шудааст.

Автореферати диссертатсия тибқи феҳрист 16-уми сентябри соли 2025 ирсол гардидааст.

Автореферати диссертатсия ва кори диссертатсионӣ аз барномаи Антиплагиат гузаронида шудааст, ки аслияти матни автореферат 87,09% ва кори диссертатсионӣ 81,8%-ро ташкил медиҳад.

Тақризҳо ба диссертатсия ва автореферат дар муҳлати муайяншуда ворид шуда, дар сомонаи МДТ "Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода" ҷой дода шудаанд.

Ҳуҷҷатҳои аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ ба Шурои диссертатсионӣ пешниҳодшуда тибқи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият даровarда шуда, дар парвандаи аттестатсионии унвонҷӯ маҳфузанд.

Роҳбари илмӣ: Шосаидзода Сафар Ҳасан – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи китобхонашиносӣ ва библиографишиносии Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода, муассисае, ки дар он таҳқиқоти диссертатсионӣ иҷро шудааст – МДТ "Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода" ва муқарризони расмӣ – Сафаралиев Бозор Сафаралиевич – доктори илҳои педагогӣ, профессор, сардори шуъбаи рейтинги байналмилалии Донишкадаи давлатии забонҳои хориҷии Самарқанд ва Камолзода Сайфиддин – номзади илмҳои педагогӣ, муовини директор оид ба илм, захираҳои иттилоотӣ ва хизматрасонӣ ба истифодабарандагони Муассисаи давлатии "Китобхонаи миллӣ"-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсияи Нодирзода Сайзароб Сайали баҳои мусбат додаанд.

Тақризи муассисаи пешбар – Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилооти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи шурои илмии муассисаи мазкур санаи 03-юми октябри соли 2025, протоколи №10 муҳокима ва баррасӣ гардида, аз тарафи раиси ҷаласа, муовини директор оид ба корҳои илмии Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг, номзади илмҳои филологӣ Ҷӯраев М., ташхисгар – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, Хоҷаев Қ. ва котиби ҷаласа муовини директор оид ба корҳои методии Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг, номзади илмҳои филологӣ Каримова Г. имзо шуда, аз тарафи директори Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот, номзади илмҳои филологӣ Аминзода Абдулфатоҳ санаи 03 октябри соли 2025 тасдиқ шудааст. Дар тақриз ба диссертатсия асосан баҳои мусбат дода шуда, аз он ҷумла, қайд гардидааст, ки мубрамияти мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи Нодирзода Сайзароб Сайали дар муайян намудани мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, матраҳсозии масъалаҳои мубрами таҳқиқот, таҳлил ва хулосабарорӣ аз иттилооти бадастоварда иборат мебошад. Дар баробари ин, аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ бори нахуст дар илми библиографишиносии тоҷик равандҳои таҳаввул ва рушди навъҳои гуногуни библиография дар замони

шуравӣ (солҳои 1960-1990) ба сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтааст.

Таҳлилу баррасии диссертатсияи Нодирзода Сайзароб Сайали аз он далолат медиҳад, ки мавсуф дарвоқеъ аз уҳдаи коркарди илмии мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобкардааш баромада, дар ҷараёни таҳқиқот пайдоиш, таҳаввул ва рушди назарияи библиографияи тоҷикро дар солҳои 1960-1990 баррасӣ намуда, дар заминаи таҳқиқи дастовардҳои илмию назарии олимони тоҷик самтҳои афзалиятноки рушди библиографияшиносии тоҷикро мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Илова бар ин, натиҷаҳои асосии диссертатсия дар нашрияҳои илмии тақризшаванда ва маҷмуаи маводи конференсияҳо дар шакли мақола ва фишурдаҳои илмӣ ба табъ расидаанд.

Автореферати диссертатсия ҷавобгӯи талабот буда, комилан ба мазмуни диссертатсия мувофиқ аст ва доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда, натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф тасаввуроти аниқ медиҳад.

Мақолаҳои нашрнамудаи довталаб муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд.

Дар баробари дастовардҳои муҳими илмӣ диссертатсия ва автореферати он аз камбудиву норасоиҳо холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили мазмуну мундариҷаи рисола муфид хоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Дар диссертатсия оид ба фаъолияти “Маркази эҷодиёти халқ”, ки солҳои 60-90-уми асри гузашта дар самти роҳандозӣ намудани ёрии илмиву методӣ ба муассисаҳои фарҳангӣ, аз ҷумла китобхонаҳо корҳои назаррасро ба анҷом расонидааст, ягон маълумот дода нашудааст.

2. Дар зербоби якуми боби якуми диссертатсия оид ба нақши мактаби китобдории рус, ки дар тайёр кардани олимони соҳаи библиографияшиносии тоҷик саҳми муносиб гузоштааст, кам таваҷҷуҳ зоҳир карда шудааст.

3. Дар зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия сухан дар бораи нашри дастурҳои библиографияи тавсиявӣ ва аҳаммияти онҳо дар тарғиби адабиёт ва роҳбари хониш меравад, аммо таҷрибаи китобхонаҳои вилоятии мамлакат дар ин самт нишон дода нашудааст.

4. Дар матни диссертатсия ва автореферат ғалатҳои имлоӣ, техникӣ ва дар баъзе ҳолатҳо риоя нашудани муқаррароти Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо барои боз ҳам беҳтар шудани сифати кор мусоидат хоҳад кард.

Дар фарҷоми тақризи худ муассисаи пешбар чунин хулоса манзур кардааст: Диссертатсияи Нодирзода Сайзароб Сайали дар мавзуи «Таҳаввул ва рушди равандҳои библиографияи тоҷик дар замони шуравӣ (1960-1990): дастовардҳо ва мушкилот» таҳқиқоти нав буда, дорои навгониҳои илмии аҳаммияти назариявӣ ва амалидошта мебошад ва яке аз мавзуҳои то кунун нисбатан кам таҳқиқшуда дар илми библиографияшиносии тоҷик маҳсуб меёбад. Диссертант дар ҷараёни

таҳқиқот аз методҳои таҳлили назариявии таърихӣ, синтези сарчашмаҳои библиографишиносӣ ва иттилоотшиносӣ; омӯзиш, таҳлил, муқоиса ва ҷамъбасти фаъолияти марказҳои библиографӣ; мушоҳидаи илмӣ, мусоҳиба, таҳлили сифатӣ ва шумораьвии маводи оморӣ ва методҳои махсуси соҳаи библиографишиносӣ: пажуҳиши библиографӣ, библиографиянамоӣ, гурӯҳбандии библиографӣ ва ахборотдиҳии библиографӣ ва ғайра огоҳона истифода бурда, мавзуро ба таври комил ҳаллу фасл намудааст. Таҳқиқоти мазкур дар илми библиографияшиносии тоҷик иқдоми нахустин буда, диссертант тавонистааст аз уҳдаи ҳалли мақсаду вазифаҳои дар таҳқиқот гузоштташуда бо хубӣ бароянд.

Дар асоси мулоҳизаҳо, эродҳо ва тавсияву пешниҳодҳои дар боло зикршуда муассисаи пешбари тақриздиҳанда ба чунин хулоса ва қарор омад, ки диссертатсияи довталаб Нодирзода Сайзароб Сайали бо мубрамии мавзуъ, навгониҳои илмӣ, арзиши назарию амалӣ ва доираи таҳқиқи масъалаҳои ба миён гузоштташуда ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти рақами № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295) тасдиқ шудааст ва «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия (Замимаи 2 ба фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493), бо пуррагӣ мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ) сазовор мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295) тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Тақриз аз тарафи эксперт, доктори илмҳои педагогӣ, профессор, ходими пешбари илмии шуъбаи фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангии Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот Хоҷаев Қурбон Тоҳирович мураттаб гардидааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи Шурои илмии Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ Нодирзода Сайзароб Сайали иштирок ва бо маъруза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст. Дар ҷаласаи мазкур 15 нафар олимону ходимони илмӣ иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 15 нафар, «бетараф» – нест, «муқобил» - нест. (қарор дар ҷаласаи Шурои илмии Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот, таҳти №10 аз 03.10.2025 тасдиқ шудааст).

5 номгӯи мақолаҳои илмии зерини унвонҷӯ оид ба мавзуи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, ба табъ расидаанд, ки мазмуни асосии диссертатсияро инъикос мекунанд:

[1-М]. Надиров, С. Инъикоси осори Пешвои миллат дар нишондиҳандаҳои библиографӣ [Матн] / С. Надиров, Қ. Абдураҳимзода // Идоракунии давлатӣ. – 2020. – № 3 (47). – С. 243-252. ISSN 2664-0651

[2-М]. Надиров, С. Марҳилаҳои рушди библиографияи тавсиявӣ дар Тоҷикистон [Матн] / С. Надиров // Паёмномаи фарҳанг. – 2021. – № 1 (53). – С. 43-55. ISSN 2306-6423

[3-М]. Нодирзода, С. Омилҳои инкишофи библиографишиносии тоҷик [Матн] / С. Нодирзода // Паёмномаи фарҳанг. – 2022. – № 1(57). – С. 60-72. ISSN 2306-6423

[4-М]. Нодирзода, С. Рушди библиографияи илмӣ-ёрирасони тоҷик дар солҳои 1960-1990 [Матн] / С. Нодирзода, С. Шосаидзода // Паёми донишкадаи забонҳо. – 2022. – № 3(47). – С. 174-181. ISSN 2226-9355

[5-М] Нодирзода, С. Библиографияи Тоҷикистон: вазъ ва дурнамо [Матн] / С. Нодирзода // Паёми Китобхонаи миллӣ. – 2024. – № 3 (7). – С. 141-148. ISSN 2959-7803

Ба автореферати диссертатсия 4 тақриз бо назардошти эродҳо аз ҷониби шахсони зерин ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудааст:

1. Раҷабзода Маҳмадулло доктори илмҳои педагогӣ, дотсент, мушовири ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Муқарриз қайд кардааст:

- Агар муаллиф дар таҳқиқоти хеш дар бораи таҷрибаи пешқадами китобхонаҳо ва марказҳои библиографии кишварҳои Осиёи Миёна, ки аз бисёр ҷиҳат бо китобхонаҳои Тоҷикистон шабоҳат доранд, мисолҳои мушаххас оварда метавонист, арзиши илмию амалии диссертатсия боз ҳам бештар мегардид.
- Дар автореферат баъзе хатоиҳои имлоӣ ва техникӣ низ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо барои боз ҳам беҳтар шудани сифати кор мусоидат хоҳад кард.

2. Иззатова Матлуба Қудратовна Мудири кафедраи таърихи нав ва навини кишварҳои хориҷии факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих, дотсент.

Муқарриз қайд кардааст:

- Дар автореферат баъзан такрори андеша ба назар мерасад.
- Ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ (саҳ 16, 20) низ дар матни автореферат мушоҳида мешавад.

3. Нурмуҳаммад Амиршоҳӣ - сармуҳаррири Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик, номзади илмҳои таърих.

Муқарриз қайд кардааст:

- Дар автореферат бахши “Мундариҷаи асосии диссертатсия” тӯл кашидааст. Муаллиф метавонист ин бахшро муҷазтар анҷом диҳад.

- “Рӯйхати адабиёт”-и автореферат дар поварақҳо нишон дода мешуд, боз беҳтар буд.

4. Наимзода Дилором Наим - муовини директори Муассисаи давлатии “Осорхонаи миллӣ”-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ.

Муқарриз қайд кардааст:

-Муҳаққиқ дар автореферат дар баробари адабиёти истифодашуда, инчунин, дигар адабиётро низ илова кардааст, ки дар натиҷа рӯйхати адабиёт тӯлонӣ шудааст. Ҳамзамон, гуфта мешавад, ки “китобҳо, дастурҳои библиографӣ ва мақолаҳо” дар рӯйхати адабиёт ҷой дода шудаанд, аммо дар рӯйхати адабиёт ягон дастури библиографӣ ба назар намерасад (автореф., саҳ. 26-30).

- Дар автореферат хатоиҳои имлоӣ ва техникӣ низ ба назар мерасад.

**Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар** дар асоси қарори шурои диссертатсионии 6D.KOA-081 аз 12 июли соли 2025, №6 тибқи банди 61 Низомнома оид ба шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 67, 69 ва 74-75 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, асоснок гардидааст.

Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи довталаби дараҷаи илмӣ корҳои зерин иҷро шудаанд:

– заминаҳои ташаккул ва таҳаввули библиографишиносии тоҷик дар даврони шуравӣ (солҳои 1960-1990) мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифта, омилҳои рушд библиографишиносии тоҷик мушаххас гардидаанд;

– асосҳои таҳаввул ва рушди библиографияи давлатии тоҷик дар солҳои 1960-1990 таҳқиқ гардидааст;

– давраҳои эҳё ва самтҳои асосии инкишофи библиографияи илмӣ-ёрирасон ва тавсиявии тоҷик таҳқиқ шуда, мушкилот ва дастовардҳои ин самти библиографияи тоҷик ошкор шудааст;

– дастурҳои библиографи солҳои 1960-1990 аз рӯйи мазмун, намуд, шакл ва жанр таснифу таҳлил шуда, дар ин замина нишондиҳандаи «Библиографияи библиографияи Тоҷикистон дар солҳои 1960-1990» мураттаб ва нашр гардид;

– дар раванди таҳқиқот камбудиҳои ҷойдошта оид ба рушди библиографияи тоҷик муайян шуда, ҷиҳати омӯзиши минбаъдаи мавзуъ тавсияҳо пешинҳод шудааст.

**Аҳаммияти натиҷавии таҳқиқот барои назария бо он асоснок карда шудааст, ки:**

- дақиқии маълумот, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, таҳлилу муқоисаҳои илмию амалӣ дар асоси сарчашмаҳои

библиографӣ бо истифода аз усулҳои илмӣ, омӯзиши адабиёти илмӣ ва рисолаҳо оид ба соҳа;

- мушаххас шудааст, ки натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли пешниҳоду хулосаҳои илмӣ манзури олимон, мутахассисон ва китобдорони ҷумҳурӣ гардида, дар таҳияи консепсияҳо, барномаҳои рушд ва лоиҳаҳои давлатӣ, навиштани рисолаҳои ҷамъбастӣ оид ба таърихи библиографияи тоҷик мавриди истифода қарор мегиранд.

- сабақи таърихи ҷиҳати истифодаи рушди фаъолияти библиографинамоии китобхонаҳо ва марказҳои библиографӣ дар солҳои 1960-1990 рушд намуда, дар қонеъ гардонидани ниёзҳои иттилоотии оммаи васеи хонандагон, хизматрасонии библиографӣ, тарғиби адабиёт ва роҳҳои самарабахши роҳбарӣ ба хониш омили муҳимми рушди библиографияи тоҷик дар замони соҳибистиқлолӣ мегардад;

**Аҳаммияти натиҷавии бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки:**

- натиҷаҳои таҳқиқот, метавонад дар иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотии олимону мутахассисон, унвонҷӯёну донишҷӯён ба сифати манбаи муҳимми илмӣ хизмат намуда, ба фаъолияти омӯзгорӣ, аз ҷумла хондани лексияҳо ва баргузории дарсҳои амалӣ аз фанҳои таълимӣ: «Библиографишиносӣ», «Таърихи библиографияи тоҷик», «Услуби таҳияи дастурҳои библиографӣ» мусоидат менамояд.

- маводи диссертатсия дар раванди фаъолияти сохторҳои библиографии китобхонаву марказҳои библиографӣ тавассути таҳия ва нашри дастурҳои библиографӣ, мавриди истифода қарор дода мешавад;

- нуктаҳои муҳими таҳқиқот дар шакли маъруза дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва амалии ҷумҳуриявию байналмилалӣ ва дигар ҳамоишҳои илмӣ ироа гардидаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии муаллиф дар он зоҳир меёбад, ки ӯ дар заминаи ҷустуҷӯ ва таҳлили амиқи омӯзиши сарчашмаҳои муътамад, таҳлили теъдоди зиёди осори илмӣ ва маводи дар нашрияҳои даврӣ интишорёфта бори нахуст равандҳои таҳаввул ва рушди библиографияи давлатӣ, илмӣ-ёрирасон ва тавсиявии тоҷикро дар солҳои 1960-1990 мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор додааст.

- дар робита ба объект, предмет, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот аввалин маротиба навъҳои гуногуни дастурҳои библиографии тӯли солҳои 1960-1990 нашршударо ҷамъоварӣ ва асоснок гардида, дар шакли феҳристи мукаммал (дар ҳаҷми 26,75 ҷузъи чопӣ) мураттаб сохтааст, ки он аз 5 боб, 6 фасл ва 52 зерфасл иборат буда, 1730 маводи библиографиро ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ фаро мегирад;

- ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқот, аз қабили хулосаҳои асосии илмии диссертатсия, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва тавсияҳои хислати назариявию амалидошта бевосита аз ҷониби муаллиф мустақилона баррасӣ ва исбот шудаанд:

- дар омода ва нашр кардани рисолаи илмӣ 21 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор гардидааст.

Шурои диссертатсионӣ дар ҷаласа аз 25 октябри 2025, протоколи №7 қарор қабул кард, ки ба Нодирзода Сайзароб Сайали дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ) дода шавад.

Ҳангоми овоздиҳии пинҳонӣ шурои диссертатсионӣ дар ҳайати 10 нафар иштирок намуданд: аз инҳо 4 нафар доктори илм, 6 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда, чунин натиҷагирӣ шуд:

- тарафдори додани дараҷаи илмӣ – 10 нафар,
- муқобили додани дараҷаи илмӣ – нест.
- бюллетенҳои беэътибор - нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ
доктори илмҳои педагогӣ,
профессор Латифзода Д.Н.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ
номзади илмҳои педагогӣ Раҳмонов А.А.

Имзоҳои Латифзода Диловар ва
Раҳмонов Абдусаторро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ «ДДФСТ ба номи
Мирзо Турсунзода» Нуриддинзода Ф.

Маълумот барои тамос:
Нишонӣ: 734032, ш.Душанбе, кӯчаи Борбад, 73а.
МДТ «ДДФСТ ба номи Мирзо Турсунзода».
Тел.: +992 372 2311827
Сомона: www. ddst.tj
«28» 10 соли 2025